**Тақриз**

**ба диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар мавзуи "Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII-нимаи аввали асри XX" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ). – Хуҷанд, 2022. – 189 с.**

Таҳқиқи ҳавзаи адабии Хуҷанд аз масъалаҳои муҳимми адабиётшиносии муосир аст, ки то ин замон хеле кам омӯхта шуда, омӯзиши вазъи адабӣ ва мушаххас кардани таърихи ривоҷи адабӣ, шарҳи ҳоли адибони алоҳида, таҳаввули жанрҳои адабӣ ниёз ба таҳқиқи алоҳида ва ҷамъбасткунанда дорад. Диссертатсияи Ҳомидова Шамсия ба ҳамин масъала бахшида шудааст, ки иқдоми тоза ва ҷиддӣ дар омӯзиш ва таҳқиқи ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII-нимаи аввали асри XX мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб бо шумули 11 фасл ва хулосаҳою тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима муаллифи диссертатсия муҳиммияти масъалаи мазкур, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, усули таҳқиқ ва сарчашмаҳои пажӯҳиш, навоварии он, аҳаммияти назарию амалии рисола, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарду татбиқи натиҷаҳои корро арзёбӣ намудааст.

Боби аввали диссертатсия – "Муҳити илмиву адабӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳр аз нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX" аз 4 фасл иборат аст.

Дар фасли аввал – "Ҳаёти адабии Мовароуннаҳр аз нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX ва сарчашмашиносии омӯзиши он" масъалаҳои вазъи адабии ҳавзаи Хуҷанд, сарчашмаҳои омӯзиши он, ба монанди тазкираҳо, дафтару баёзҳо, девонҳо, феҳристҳо баррасӣ шудааст.

Аз натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои мавҷуд дар китобхонаҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон маълум мешавад, ки роҷеъ ба адибони ҳавзаи адабии Хуҷанд дар давраи мавриди назар дар тазкираю феҳристҳо маълумот ҳаст ва девони як идда шоирони ин ҳавазаи адабӣ дар шакли дастнавис боқӣ монда, дар дафтару баёзҳо қисмате аз ашъори онҳоро метавон дарёфт.

Фасли дуюми боби аввал – "Мавзуъ, муҳтаво ва ғояҳои асосии эҷодиёти шоирони ҳавзаи Хуҷанд" ба баррасии мавзуъ, мундариҷа ва

ғояи осори адабии шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд бахшида шудааст. Муаллифи диссертатсия баррасии масъалаҳои мавриди назарро аз охири фасли якум шуруъ намуда, дар ин фасл ба таври густарда мавзую муҳтавои ашъори шоирони конуни адабии Хӯқанд, хусусан, Хуҷандро арзёбӣ кардааст. Муаллифи диссертатсия мавзуи шеъри адибони ин давраро ба тартиби зайл тасниф кардааст: 1. Бозтоби масоили иҷтимоӣ дар шеър (Шикваю шикоят ва носозӣ бо муҳит). 2. Ишқ. 3. Васфи табиат. 4. Танқид. 5. Мадҳ. 6. Ҳаҷв. 7. Панду андарз. 8. Марсия. 9. Васфи Хуҷанд. Танаввуи мавзуъ ва ғановати муҳтаво аз интишори васеи адабиёт миёни алоқамандони он ва таъсири вазъи сиёсию иҷтимоӣ ба шеър дарак медиҳад.

Дар фасли сеюми боби аввал – "Ривоҷи адабиёти дузабона" масъалаи равобити дӯстона ва адабии халқҳои тоҷику ӯзбек, заминаҳо ва ривоҷи ашъори зуллисонайнӣ ё адабиёти дузабона матраҳ шудааст. Муаллифи диссертатсия бо ёдоварӣ аз муҳаққиқоне, ки ба масъалаи адабиёти дузабона дахл кардаанд, роҷеъ ба таърихи пайдоиш ва ривоҷи давра ба давраи адабиёти дузабона сухан ронда, таъкид менамояд, ки дар давраи мавриди таҳқиқ адабиёти дузабона вусъати тоза гирифта, нисбат ба давраҳои пешин бештар ривоҷ ёфтааст. Бино ба таҳқиқи муаллиф, дар ин давра на танҳо шоирони ӯзбекзабон аз адабиёти форсӣ таъсир пазируфтаанд, балки шоирони тоҷикзабон низ аз адабиёти ӯзбек баҳраи комил ёфта, ба ду забон осори зиёде таълиф намудаанд. Ҳатто дар ибтидои асри XX адабиёти дузабона вобаста ба дигаргуншавии вазъи иҷтимоию сиёсӣ равнақи тоза касб намуда, дар ривоҷи он устод Садриддин Айнӣ, Абдуррауфи Фитрат, Абдулвоҳиди Мунзим ва дигарон саҳми бориз доштанд.

Яке аз нишонаҳои адабиёти дузабона муламмаъсароӣ буд, ки дар марҳалаи аввал дар адабиёти форсии тоҷикӣ ба забонҳои форсию арабӣ маъмул буд ва дар марҳалаҳои баъдӣ ба форсию туркӣ ва форсию ӯзбекӣ ривоҷ ёфт. Бино ба таъкиди муаллифи диссертатсия, рушди ғазали ӯзбекӣ дар давраи мавриди назар, дар баробари сиёсати адабпарваронаи Амир Умархон, ба муламмаъсароӣ низ рабт дошт (Диссертатсия, с. 48).

Фасли чоруми боби якум – "Мақоми бонувони суханвар дар адабиёти давр" ба баррасии фаъолияти адабии занони суханвар ихтисос дода шудааст. Дар такя ба маълумоти сарчашмаҳо муаллиф ба хулосае омадааст, ки дар давраи мавриди таҳқиқ 9 бонуи суханвар зиндагию эҷод кардаанд. Ба монанди Қамбархони Хуҷандӣ, Муаззамхони Хуҷандӣ, Муаттархони Хуҷандӣ, Зебои Хуҷандӣ, Бифазилати Хуҷандӣ,

Шарифабибӣ Оҷизи Хуҷандӣ, Қутбинисо, Бибии Хуҷандӣ, Бибиҳидоят, ки асосан дар жанри ғазал табъозмоӣ намуда, ашъорашон дар сарчашмаҳои хаттию шифоҳӣ боқӣ мондааст. Муаллифи диссертатсия роҷеъ ба лаҳзаҳои рӯзгори ин бонувони суханвар ва хусусиятҳои шаклию мундариҷавӣ ва сабкии ашъори онҳо баҳс намудааст. Дар ашъори ин бонувони суханвар ҳам аносири сабки бедилӣ ва ҳам сабки қудамо дида мешавад.

Боби дуюми диссетатсия – "Таҳаввули жанрҳои адабӣ" ном дошта, аз се фасл иборат аст.

Дар фасли аввал – "Жанрҳои хурди лирикӣ" вазъи корбурди жанрҳои хурди лирикӣ, чун ғазал, рубоӣ, қитъа, мустазод ва фард дар адабиёти давраи мавриди таҳқиқ баррасӣ шудааст. Ба назари муаллиф, аз миёни жанрҳои маъмули ин давра ғазал бештар мавриди таваҷҷуҳи шоирон қарор доштааст ва як гурӯҳи адибони ҳавзаи адабии Хуҷанд соҳибдевон будаанд. Диссертант роҷеъ ба хусусиятҳои шаклии ғазал, аз ҷумла ҳаҷм, вазнҳои маъмул, қофия ва радиф, сохтори он баҳс намуда, ба хулосае омадааст, ки жанри ғазал аз ҷумлаи асоситарин навъи шеъри шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд буда, шоирони ин ҳавза аз имкониятҳои жанрии он босамар истифода кардаанд (Дисскртатсия, с. 74).

Бино ба таҳқиқи муаллифи рисола, рубоӣ пас аз ғазалу мухаммас дар адабиёти давраи мавриди таҳқиқ мавқеи муҳим дорад. Масъалаи истифодаи ирсоли масал дар рубоиёти ин давра, навъҳои рубоӣ аз нигоҳи қофия, навъҳои рубоӣ аз назари шакл баррасӣ шуда, натиҷаи таҳқиқи муаллиф ин аст, ки дар асри XIX беҳтарин суннатҳои рубоисароии адабиёти пешин дигарбора эҳё гардидааст.

Қитъа баъд аз рубоӣ дар адабиёти ин давра маъмул буда, анъанаҳои хосси классикиро нигоҳ доштааст. Мустазод, агарчи чандон маъмул нест, вале рубоии мустазод бештар роиҷ будааст. Роҷеъ ба фард ва мавқеи он дар адабиёти давраи мавриди таҳқиқ баҳсе сурат нагирифта, танҳо чанд байт намуна оварда шудааст.

Дар фасли дуюми боби дуюм – "Жанрҳои бузурги ғиноӣ" роҷеъ ба вазъи жанрҳои қасида, мусаммат ва анвои он ва шеър дар баҳри тавил баҳс ба миён омадааст. Аз натиҷаи таҳқиқи муаллифи диссертатсия бармеояд, ки дар давраи мавриди таҳқиқ жанри қасида мақеи муҳим дошта, дар рушди ин навъи шеър шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд саҳми арзанда доранд. Дар адабиёти ин аҳд, ба назари муаллифи диссертатсия, бо ду роҳ қасида бештар ривоҷ ёфтааст. Яке бо сурудани қасидаи мадҳӣ, дигаре эҷоди қасоиди ҷавобия, ки ба истиқболи қасидаҳои Ҷомию Навоӣ

навишта шудаанд. Аз шоирони қасидасарои ин давра Шӯхии Хуҷандӣ, Нозили Хуҷандӣ, Камолиддин Махдум, Тошхоҷаи Асирӣ ва дигарон дар ривоҷи ин навъи шеър саҳми бориз доранд. Роҳ ёфтани ғояҳои маорифпарварона ва афкори танқидию хитобаҳои иҷтимоӣ аз имтиёзоти қасоиди ҳавзаи адабии Хуҷанд дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX мебошад.

Ба назари муаллиф, аз миёни навъҳои мусаммат, беш аз ҳама, мухаммас ва баъдан мусаддас миёни шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд маъмул буд. Ҳам мухаммаси озод ва ҳам тазмин дар эҷодиёти шоирони ин аҳд зиёд аст. Дар сурудани мусаддас шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд Файёз, Фавзӣ ва Фахрӣ беш аз дигарон таваҷҷуҳ доштаанд. Дар эҷодиёти шоирони ин ҳавзаи адабӣ ба нудрат ашъори дар баҳри тавил сурудашуда ба назар мерасад. Аз шоирони ин ҳавза Зинат ва Хотиф дар эҷоди ин навъ шеър табъозмоӣ кардаанд.

Фасли сеюми боби дуюм – "Анвои дигари адабии манзум ва мансур" ба баррасии маснавӣ ва осори мансури ҳавзаи адабии мавриди таҳқиқ бахшида шудааст. Дар адабиёти ин давра маснависароӣ ривоҷ пайдо карда, дар ин замина ибтикороте дар эҷоди маснавӣ сурат гирифтааст. Яке аз ибтикороти адибони ин давра таълифи тазкираҳои Фазлии Намангонӣ ва Садри Зиё дар шакли маснавӣ мебошад. Аз шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд Шӯхӣ, Нозил, Файёз ва Тошхоҷаи Асирӣ дар эҷоди маснавӣ дасте қавӣ доштанд. Дар баробари идомаи анъанаҳои достонсароии классикӣ роҳ ёфтани мазомини иҷтимоӣ ва ғояҳои маорифпарварӣ дар маснавиҳои ин давра аз ҷумлаи ибтикороти шоирони давр мебошад. Маснавиҳои "Миръоти ибрат", "Анҷумани арвоҳ"-и Аҷзӣ ва "Тимсол"-и Асирӣ намунаи ин навъи маснавиҳо мебошад. Дар ин маснавиҳо роҳ ёфтани тафаккури нави маорифпарваронаю ислоҳотхоҳона, истилоҳоту вожаҳои наву иқтибосии русӣ роҳро барои ошноии хонанда бо тарзи ҳаёти нав ҳамвор менамояд.

Дар бахши дигари фасли сеюм муаллиф дар бораи осори насрии ин давра, бахусус осори адибони ҳавзаи адабии Хуҷанд, баҳс намудааст. Дар ин бахш китоби "Зарбулмасал"-и Гулханӣ ва рисолаи "Ғароиби сипоҳ"-и Тоҷири Хуҷандӣ баррасӣ шудааст. Рисолаи "Ғароиби сипоҳ"-и Тоҷири Хуҷандӣ ягона асари насрии боқимонда аз адибони ҳавзаи адабии Хуҷанд аст, ки доир ба таърихи хонҳои Хӯқанд ва ихтилофоти хони Фарғона бо амири Бухоро бо насри сода навишта шудааст. Дар рисола қитъаҳои зиёди форсӣ (зиёда аз 50 байт) истифода шудааст. Муаллиф аз Муҳаммад Султон Абдуллоҳ Маъсуми Хуҷандии Маккӣ

(1873-1962) ёд кардааст, ки дорои 200 таҳқиқ дар самтҳои таъриху фалсафа будааст, вале доир ба осори адабии ӯ чизе намегӯяд.

Боби сеюм – "Хусусиятҳои поэтикии ашъори суханварони ҳавзаи адабии Хуҷанд" аз чор фасл иборат буда, баррасии масъалаҳои таъсири поэтикаи шеъри Бедил ба шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд, ҷараёни бозгашти адабӣ ҳамчун падидаи ҳунарӣ, заминаҳои зуҳури шеъри нав, вижагиҳои ҳунарӣ ва шеваҳои корбурди саноеи бадеиро фаро мегирад.

Дар фасли аввал – "Таъсири поэтикаи шеъри Бедил ба шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд" муаллиф роҷеъ ба таъсири шакли шеъри Бедил (вазн ва қофияю радиф), таъсири сабк ва тарзи баён ба шеъри шоирони ҳавзаи адаабии Хуҷанд ва истиқболи шоирони ҳавзаи адабии мазкур аз шеваи маъниофарини Бедил баҳс намудааст. Бино ба таъкиди муаллиф, шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд дар давраи мавриди таҳқиқ бештар ба ду сабк – ироқӣ ва ҳиндӣ пайравӣ карда, асосан, ба истиқболи Ҳофиз ва Бедил шеър гуфтаанд. Таъсири Бедил ва поэтикаи ашъори ӯ ба шеъри адибони ҳавзаи Хуҷанд зиёд буда, муаллиф ин таъсирпазириро ҳам аз нигоҳи шакл ва ҳам аз назари мазмун ва сабку услуб бо мисолҳои фаровон исбот намудааст.

Фасли дуюми боби сеюм – "Баррасии ҷараёни бозгашти адабӣ ҳамчун падидаи ҳунарӣ" ба масъалаи рӯй овардану пайравӣ кардани шоирони давраи мавриди таҳқиқ, бавижа шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд, ба шеъри шоирони асрҳои XIII, XIV ва XV бахшида шудааст. Ин амал дар адабиётшиносӣ ҷараёни бозгашти адаӣ ё сабки бозгашти адабӣ ном гирифтааст ва бино ба таҳқиқи муаллифи диссертатсия, як идда шоирони давраи мавриди таҳқиқ ба шеъри Саъдию Амир Хусрав, Ҳофизу Камол ва Ҷомӣ пайравӣ намуда, сабки бедилиро сарфи назар намудаанд. Ин пайравиҳо дар шакли назира, татаббуъ ва тазмин сурат гирифтааст. Муаллиф асосан бо овардани тазминҳо аз ашъори Ҳофиз, Саъдӣ, Камол ва Ҷомӣ иктифо намудааст.

Дар фасли сеюм – "Заминаҳои зуҳури шеъри нав" омилҳо ва заминаҳои зуҳури шеъри нав баррасӣ шудааст. Муаллиф барои зуҳур ва рушди шеъри нав чанд омилро баршумурдааст, ки қобили мулоҳизаанд: 1. Роҳ ёфтани калимаҳо ва образҳои нави шеърӣ. 2. Корбурди истилоҳоти одию омиёна ва сода. 3. Таълифи ашъори ватандӯстӣ, ҳимоя ва ҳифзи марзҳои он. 4. Бозтоби афкори маорифпарварӣ. Ин авомил, ки заминаҳое барои зуҳури шеъри нав ба вуҷуд оварданд, бештар ҷанбаи мундариҷавӣ доштанд.

Фасли чоруми боби сеюм – “Вежагиҳои ҳунарӣ ва корбурди саноеи бадей” ба баррасии ҳунару маҳорати шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд, истифодаи воситаҳои баёну тасвир дар шеъри онҳо ихтисос дода шудааст. Дар ин фасл муаллиф корбурди санъатҳои талмеҳ, маҷоз, ташбеҳ, муроотунназир, сифатчинӣ, тазод(д)у мутобиқа, тавсиф, муболиға, ирсоли масал, таҷнис, ташхис, муамморо дар шеъри шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд арзёбӣ намуда, шавоҳиди шеърии зиёде овардааст. Муаллиф зимни баррасии масъалаи мавриди назар ба ин натиҷа расидааст, ки шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд “кӯшидаанд, ки шеваҳои гузаштагонро истифода намуда, ба ин васила дар такмили бадеияи каломи худ роҳ кушоянд”(Диссертатсия, с.159).

Натиҷаи илмии маҳсули таҳқиқи муаллифи рисола дар хулосаи диссертатсия баён гардидаанд, ки онҳо ҳамагӣ аз доманаи васеи баррасиҳои анҷомдода ва таҳқиқи шоистаи ӯ дарак медиҳанд. Феҳристи адабиёти истифодашудаи диссертатсия низ мутобиқ ба талаботи таҳияи он омода гардида, муҳимтарин сарчашмаҳо ва адабиёти таҳқиқӣ ба он ворид шудаанд. Зикри манобеи муҳимми илмию адабӣ, сарчашмаҳо, адабиёти илмии зарурӣ аз он дарак медиҳад, ки унвонҷӯ мутолиаи фарох доир ба мавзуи таҳқиқи хеш дорад ва барои анҷоми он аз муҳимтарин пажуҳишҳои дар Тоҷикистон ва берун аз он анҷомёфта босамар истифода кардааст.

Дар баробари чунин арзишҳои муҳимми илмӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ки бартараф намудан ва ё ба эътибор гирифтани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Гоҳо муаллиф дар таъйини жанри ашъори овардашуда ба иштибоҳ роҳ додааст. Чунончи, дар саҳифаи 42 диссертатсия омадааст: “Нозил дар рубоии зер ободониву оромӣ, хурраминву шодӣ ва фориғ аз осеби даврон будани мардуми сарбаланди хуҷандро таъкид кардааст:

Манзили фирдавсоини Хуҷанд обод бод,
Сокинонашро табиат хурраму дил шод бод.
Фориғ аз осеби даврон рӯзу шаб бо дӯстон
Айшу ишрат, ҷоми май, сайри гулистон ёд бод”.

Ин шеър рубоӣ нест, вазни он рамали мусаммани мақсур аст.

2. Дар фасли “Жанрҳои бузурги лирикӣ” муаллиф баъди қасида мухамаас ва мусаддасро алоҳида баррасӣ кардааст. Маълум аст, ки мухаммасу мусаддас жанрҳои алоҳида не, балки навъҳои жанри мусамматанд, ки худи муаллиф низ ба ин нукта ишора кардааст. Хуб мебуд, ки баъди қасида муаллиф дар сарлавҳа мусаммат менавишт ва

баъд ин ду навъи мусамматро баррасӣ мекард. Шеър дар баҳри тавил низ аз ҷумлаи жанри шеърӣ нест ва онро дар фасли сеюм баррасӣ кардан лозим буд.

3. Гоҳо муаллифи диссертатсия дар оғози фаслҳо таърифи баъзе навъҳои шеърро меорад, ки чандон зарурат надорад, зеро диссертатсия барои аҳли илм пешниҳод мешавад. Дар баробари ин, баъзе таърифҳои муаллиф дуруст набуда, тасҳеҳталаб ҳам ҳаст. Чунончи, дар мавриди қасида навиштааст: "Шакли эҷодии назмиест, ки шуаро барои ифодаи фикру мулоҳиза ва орзую ҳаваси худ ба таври мадҳ баён менамоянд" (Диссертатсия, с.88). Аввал ин, ки ҷумлаи овардашуда таҳрирталаб аст. Дуюм ин, ки мавзуи қасида фақат аз мадҳ иборат нест.

4. Муаллиф зимни истифодаи истилоҳоти адабӣ чандон таваҷҷуҳ намекунад. Масалан, номи фасли сеюми боби дуюм "Анвои дигари адабии манзум ва мансур" ном дорад, вале дар он аз осори манзум танҳо навъ (жанр)-и маснавӣ баррасӣ шуда, дар бахши дигари он насри ҳавзаи адабии Хуҷанд арзёбӣ шудааст. Бояд қайд кард, ки наср навъ ё жанр не, балки намуди адабӣ аст ва дар ин бахш доир ба навъҳои адабии насрӣ низ баҳс нашудааст. Бинобар ин, номи фасл бо муҳтавои он ва номи умумии боб созгор нест.

5. Фасли дуюми боби чорум "Баррасии ҷараёни бозгашти адабӣ ҳамчун падидаи ҳунарӣ" ном дорад, вале, ба назари мо, ҷараёни бозгашти адабӣ ҳамчун падидаи ҳунарӣ баррасӣ нашудааст. Агар муаллиф дар баробари тазмин ба масъалаи назира ва татаббуоти шоирони мавриди таҳқиқ таваҷҷуҳ мекард ва ҳунару маҳорати онҳоро дар сурудани ашъори ҷавобӣ баррасӣ мекард, тасвирҳою таркибҳои тозаро муайян менамуд, он гоҳ падидаи ҳунарӣ будани ҷараёни бозгашти адабӣ маълум мешуд.

6. Дар хулосаи фасли дуюми боби сеюм омадааст: "Бинобар ин, истиқбол аз сабки сухани Саъдию Камол, Ҳофизу Ҷомӣ ва Амир Умархон баёнгари он аст, ки унсурҳои ҷараёни бозгашти адабӣ низ дар эҷодиёти гурӯҳе аз суханварони давр дида мешавад" (Диссертатсия, с. 139). Дар ин ҷумла номи Амир Умархон зиёдатист ва пайравӣ аз ӯ далели мавҷудияти унсурҳои ҷараёни бозгашти адабӣ дар эҷодиёти шоирони давр буда наметавонад.

7. Дар рисола баъзе ғалатҳои услубӣ ва имлоию техникӣ ба чашм мерасанд, ки бартараф намудани онҳо арзиши рисоларо боз ҳам боло мебарад.

Дар умум, диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар мавзуи "Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII-нимаи аввали асри XX" таҳқиқи мукаммал дар бораи ҳавзаи адабии Хуҷанд дар давоми беш аз сад сол буда, бо шеваи матлуби илмӣ ва истифодаи сарчашмаҳои зарурию осори пажӯҳишӣ ба қалам омадааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки пажӯҳиши мазкур бо таҳлилу баррасии назариявӣ ва қиёсу муқобилаи илмӣ таъмин буда, дар мувофиқат бо сохтор, мақсаду вазифаи таҳқиқ бар мабнои нуктаҳои мушаххаси методологӣ, маводи гуногунҷанбаи таҳлилӣ асос ёфтааст.

Баррасии ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII-нимаи аввали асри XX дорои аҳаммияти хосси назарию амалист. Матолиби диссертатсия барои таҳқиқоти густардаи таърихи адабиёти тоҷик имкон фароҳам меоваранд. Нуктаҳои назариеро, ки хулосаҳои пажӯҳиш дар асоси он ҳосил шудаанд, метавон, дар таҳқиқи адабиёти асрҳои XVIII, XIX ва ибтидои асри XX мавриди истифода қарор дод. Маводи таҳқиқи мазкур дар пажӯҳиши масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик, барои тайёр намудани монографияҳои соҳавӣ ва таълифи китобҳои дарсӣ роҷеъ ба масъалаҳои адабиёти давраи мавриди таҳқиқ муфид ба ҳисоб меравандд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки он барои омӯзиши адабиёти тоҷики ҳавзаи адабии Хуҷанд муҳим буда, натиҷаҳои таҳқиқотро дар ҷараёни таълими адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX барои донишҷӯёни риштаҳои филологии донишгоҳу донишкадаҳои Тоҷикистон чун маводи дарсӣ истифода бурдан мумкин аст.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия дар 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи дар нашрияҳои илмии аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда инъикос гардидааст.

Хулоса, диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар мавзуи "Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII-нимаи аввали асри XX" кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар мавзуи "Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII-нимаи аввали асри XX" ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо

қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) аз рӯйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илми филология, ректори
МДТ “Донишкадаи давлатии
фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба
номи Мирзо Турсунзода” — Низомӣ М.З.
«30» январи соли 2023.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Хоразмӣ, 1/7, хонаи 90.
Тел: (+992) 918714350
E-mail: nizomi73@mail.ru

Имзои М.З. Низомиро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ “Донишкадаи давлатии
фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода” — Ҳамидова З.Ҳ.
«30» январи соли 2023.

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 73А.
тел: (+992) 37-231-18-27
E-mail: tajartins@yandex.com